# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Наимзода Насимҷон Қудратулло дар мавзӯи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ)**

аз 20 сентябри соли 2023 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ҳайати: Самандарзода И.Ҳ., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – раиси комиссия; Абдалимов Абдураҳмон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент - аъзои комиссия, Алишоев Х.Ҳ., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносой бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Наимзода Насимҷон Қудратулло **хулосаи** зеринро қабул намуд:

1. Мавзӯъ таҳқиқоти диссертатсионии Наимзода Насимҷон Қудратулло дар мавзӯи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида ҳисобида мешавад, ки он ҳалли масоили афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии равандҳои асосии таъминоти иттилоотии раванди ташкили хизматрасониҳои сайёҳиро дарбар гирифтааст.

Дар замони муосир соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои мунтазам рушдёфтаистодаи иқтисодиёт ба шумор меравад. Мутобиқи маълумоти Созмони ҷаҳонии савдо (СҶС) даромаднокии соҳаи сайёҳӣ дар қиёс бо соҳаҳои дигар нисбатан баландтар мебошад. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза такмил ва танзими рушди соҳаи сайёҳӣ аз ҷумлаи афзалиятҳои муҳими сиёсати иқтисодию иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Соҳаи мазкур бо таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бунёди индустрия ва инфрасохтори сайёҳӣ ба яке аз бахшҳои босуръат рушдёбандаи иқтисоди миллӣ табдил ёфтааст. Соҳаи сайёҳӣ дар марҳилаи нави рушд бояд вазифаи муҳими худро дар баланд бардоштани мавқеи

бардоштани мавқеи байналмилалии мамлакат ва муаррифии он дар миқёси ҷаҳон ба иҷро расонад, ки ин кор тавассути баррасиву пешниҳоди маҳсулоту хизматрасониҳои босифат ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ сурат мегирад.

Дар ҳақиқат, танҳо мавҷуд будани захираҳои фаровони сайёҳӣ дар мамлакат наметавонад боиси ҷалби сайёҳони сершумор гардад. Маҳз муаррифии онҳо, бо истифода аз низоми иттилоърасонии соҳа метавонад рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳии мамлакат, иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ ва индустрияи онро таъмин намояд. Яке аз далели мубрамияти мавзуи диссертатсия ин торафт афзудани нақши хизматрасониҳои иттилоотӣ дар рушди соҳаи сайёҳӣ мебошад, ки айни замон бевосита ҷузъи муҳими маҳсулоти сайёҳиро ташкил карда, ба ҳам вобастагии мустақим доранд.

Айни замон ба масъалаҳои таҳқиқу баррасии алоқамандии соҳаи сайёҳӣ ва иттилоотикунонии он дар доираи таҳқиқотҳои илми ватанӣ ва адабиёти иқтисодиёти сайёҳӣ кам таваҷҷуҳ дода шудааст. Вобаста ба ин, зарурати таҳия намудани асосҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ташкил ва такмили таъминоти иттилоотии хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба миён омадааст, ки сабаби интихоби мавзӯи таткиқот ва мубрамияти он гаштааст.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба итмом расонида шуда, дар кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи сайёҳӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ), ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми апрели соли 2023, таҳти №63 / шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, тахти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

6. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

7. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1). Диссертатсияи Наимзода Насимҷон Кудратулло дар мавзӯи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Шаропов Фарҳод Разоқович, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- Бобозода Афзалшоҳи Олимҷон - номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в.дотсенти кафедраи идораи молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3). Ба сифати муассисаи пешбар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин карда шавад.

4). Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
**д.и.и., профессор** **Самандарзода И.Ҳ.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
**н.и.и., дотсент** **Абдалимов А.**

**н.и.и, дотсент** **Алишоев Х.Ҳ.**

*Имзои аъзоёни комиссияи экспертиро тасдиқ менамоям*

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**